**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи Славянии Россия ваТоҷикистон (734000,ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Навруз Носири дар мавзӯи “Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳоииқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)**

Инноватсия (навоварӣ) – ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки дар намуди маҳсулоти нав ё маҳсулоти такмилёфтаи ба бозор баровардашуда дар амал татбиқгардии худро ифода мекунад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт қонунҳо, қарорҳо, стратегиҳо, барномаҳо ва консепсияҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқию меъёриро оид ба рушди инноватсионии истеҳсолоти агросаноатӣ мувофиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ қабул намудааст. Ба ин нигоҳ накарда дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон дар ин самт муваффақиятҳо начандон қонеъкунандаанд. Аз ҳамин нуктаи назар мавзӯи диссертатсияи Навруз Носири мавзӯи муҳим ва актуалӣ барои иқтисодиёти КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба шумор меравад.

Омӯзишу баррасии таҳқиқотҳои дар ин бахш анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ дар мамолики тараққикарда ва ҳамчунин таҷрибаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ амалигардида ба диссертант имкон додааст, ки идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаро ҳамчун зернизоми идоракунии фаъолияти корхона маҳсуб донад, ки ба амалигардонии самаранокии инноватсияҳо дар корхонаҳо нигаронида шуда, натиҷаи ниҳоии он барои корхона фоида, ягон самараи иҷтимоӣ ё экологӣ буда метавонад (саҳ.8-9).

Дар автореферат муаллифи диссертасия таъсири омилҳо ва хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзиро ба фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаву хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ нишон додааст, ки ба идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар кишоварзӣ таъсири мустақим доранд (саҳ.10). Ҳамчунин, дар автореферат қонуниятҳои универсалии ба рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ таъсирбахш дар шакли нақша таҳия шуддааст, ки аҳамияти назариявию амалӣ дорад (саҳ.11).

Ҳангоми таҳлилҳои илмии муаллиф маълум шуд, ки дар соли 2017 нисбати соли 2011 шумораи муассисаю ташкилотҳои илмии (МТИ) ҶумҳурииТоҷикистон 26 ададё 48,2% афзоишёфтаанд, ҳамчунинмуайянгардид, ки 64 ададё 80% МТИҶумҳурииТоҷикистондарш.Душанбеҷойгиршудаанд. Шумораиумумии коркунони МТИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлил 46,6%, шумораи докторони МТИ 31,4% ва номзадҳои илм 18,9% зиёд гардиданд (саҳ.11).

Диссертант Навруз Н. дар автореферат таъмини сармоягузории фаъолияти инноватсиониро дар дараҷаи иқтисодиёти кишвар, соҳаҳо ва корхонаҳо тариқи арзёбии сохторҳои ҷузъии сармоягузориҳо таҳлил намуда, сабабҳои камчинии маблағ барои фаъолияти инноватсиониро арзёбӣ кардааст (саҳ.20).

Ҷиҳатҳои мусбати зикршудаи автореферат ба мо имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки таҳқиқоти диссертасионии Навруз Н. таҳқиқоти мустақили дар сатҳи баланд таълифгардида мебошад.

Дар қатори он муваффақиятҳо дар автореферат инчунин баъзе камбудиҳо низ ҷой доран, ки инҳо мебошанд.

1.Дар автореферат ба самаранокии иқтисодии инноватсияҳои кишоварзӣ камтар диққат дода шудааст.

2.Дар мавриди арзебии мафҳуми инноватсия назари олимони ватанӣ кам ба назар мерасад.

Эродҳои мазкур баҳои мусбии кори иҷрошударо паст намекунад, зеро натиҷаи илмии бадастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳмияти амалии мундариҷаи рисола дарак медиҳад.

Аз мутолиаи автореферат ба хулоса омадем, ки диссертатсияи номзадии Навруз Носири дар мавзӯи "Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)"дар сатҳи баланди илмию методӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва диссертант барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Б. Ғафуров** **Исмоилов М.М.**

**Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти**
**Суғд шаҳри Хуҷанд ,20-гузаргоҳи Мавлонбекова 1**
**Телефон: (992-3422)6-52-73**
**(992-3422)6-7518**
**E-mail: rector@hgu.tj**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ,професссор**
**Ризоқулов Т.Р-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Ашрапова З.Н.**